**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишнҳои забони вахонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон**

Забони вахонӣ (xïkwor zik) яке аз забонҳои эронии шарқӣ буда, ба гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) мансуб мебошад ва аз рӯйи хусусиятҳои фонетикӣ ва луғавию грамматикии худ дар байни соири забонҳои ин гурӯҳ мавқеи хосаро ишғол мекунад.

Таҳқиқу баррасии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба сурати монографӣ, пеш аз ҳама, барои ба таври амиқу дақиқ баррасӣ намудани сохтори дастурии ҷонишинҳои ин забон, нишон додани хусусиятҳои семантикию грамматикии онҳо мусоидат менамояд. Сониян, ба сурати монографӣ таҳқиқ гардидани низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ, муқоисаи онҳо бо дигар забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) барои муайяну мушаххас сохтани манзараи умумии таҳаввули ҷонишинҳо дар забонҳои эронии шарқӣ кӯмак мекунад.

Пажухиши хусусиятҳои сохториву талаффузии ҷонишинҳо дар забонҳои оилаи ҳиндуаврупой, махсусан, забони вахонӣ ва муқоисаи онҳо дар давраҳои ташаккул ва рушди забон диққати ҷиддиро талаб менамояд.

Пажуҳиши мазкур дар шакли кори диссертатсионӣ барои муайян гардидани мавқеъ ва истифодаи дурусти ҷонишинҳои забони вахонӣ ва ба ин восита муқоисаи онҳо бо дигар гурӯҳи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) барои муайяну мушаххас намудани таҳаввули ҷонишинҳо дар забонҳои эронии шарқӣ мусоидат мекунад.

Мавзуеро, ки унвонҷӯ Неъматова Б.М. зери унвони «Низоми ҷонишнҳои забони вахонӣ» ба ҳайси кори илмӣ анҷом додааст, барои забоншиносии тоҷик, бахусус, забонҳои бадахшонӣ ва умуман самти филологияи эроншиносӣ хеле мубрам ва актуалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳадафи асосии муҳаққиқ таҳқиқу пажуҳиши хусусиятҳои луғавӣ, семантикӣ ва грамматикии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоир мегаодад, ки дар асоси маводи тозаи забонӣ системаи ҷонишинҳои забони вахонӣ ба таври комил таҳқиқ шудааст. Инчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори

нахуст дар эроншиносӣ низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст. Дар асоси маводи гирдовардашуда бори аввал хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳои забони вахонӣ таҳлил гардида, гурӯҳҳои ҷонишинҳои забони вахонӣ аз назари маъной ва грамматикӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 187 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад. Кор дар сатҳи хуби илмӣ ва бо риояи техникаи пажуҳишӣ таълиф гардида, қобили дастгирист.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию амалии таҳқиқ ва дигар нукоти асосии кор, аз қабили сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва татбиқи натиҷаҳои кор шарҳу тафсир ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии омӯзиши масъалаи низоми ҷонишинҳо» номгузорӣ шуда, мавзуи диссертатсия дар иртибот бо назарияи муосири забоншиносӣ доир ба ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ ба доираи баҳси илмӣ кашида шуда, аз се фасл иборат аст.

Боби дуюми диссертатсия «Ҷонишинҳои шахсӣ» номгузорӣ шуда, дар он таваҷҷуҳ ба ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои шахси якуми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои шахси дуюми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо ва ҷамъ, ҷонишинҳои нафсӣ таъкидии забони вахонӣ ба вазифаи ҷонишинҳои шахсӣ ва сохти эргативӣ равона шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Ҷонишинҳои ғайришахсӣ дар забони вахонӣ» унвон дошта, роҷеъ ба хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак сухан рафтааст.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқ ин масъалаҳоро ба таври дақиқ таҳлил намуда, маводи фаровони илмиро баррасӣ карда, пажуҳиши мавзуъро ҳам ба таври назарӣ ва ҳам ба таври амалӣ муваффақона анҷом додаст.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмӣ дар рисола бархе нуқсону камбудиҳо ба назар расид, ки рафъи онҳо дар оянда ҳангоми таҳқиқ ва баррасии васеи ин мавзуъ аз аҳамият холӣ нест.

1. Дар автореферати диссертатсия хатоҳои техникӣ ва имлой ба чашм мерасанд. Масалан дар саҳифаҳои 2 (профессор, профессори...); (www. ddzt.tj ва дар дар), 3 (қидмати), 7 (илмии номзадии); (забони

точикӣ); (Сохтори ва ҳаҷми), 12 (ғайри сарфиу наҳвӣ) калимаҳо дар шакли нодрурст навишта шудааст.

2. Муаллиф дар автореферати диссертатсия аз асару мақолаҳои Б.Сиёев (Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ) ва С.Муминова (Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон) ҷое ба хотири тасдиқи фикри худ, истифода набурдааст.

3. Агар мавзуи ҷонишинҳои забони вахониро бо ҷонишинҳои дигар забонҳои бадахшонӣ муқоиса мекард, сифати илмии рисола баландтар мегардид.

Новобаста аз камбудиҳои зикршуда, диссератсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишнҳои забони вахонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон пешниҳод гардидааст, хотимаёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз н.и.ф., дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ** **Сафаров Ҳукмиддин Орзуевич**

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 935003537; 907512121
E-mail: hukmiddins@gmail.com

*Имзои Сафаров Ҳ. О.-ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

10.01.24